**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи Садриддин Айнӣ**

**Раҳмонов А.А., Шарифов Б., Сулаймонов И.О.**

# Тавсияҳои методӣ
## оид ба таҳияи эссе барои донишҷӯёни ихтисосҳои равияи гуманитарӣ-ҷамъиятӣ

**Душанбе – 2014**

Тавсияҳои методӣ оид ба таҳияи эссе барои омӯзгорон ва донишҷӯёни ихтисосҳои равияи гуманитарӣ-ҷамъиятӣ, ки бештар фаъолияти онҳо хусусияти эҷодӣ дорад, ба сифати дастури роҳнамо бо мақсади тавсеа бахшидан ба дониши хаттии донишҷӯён, ҷиҳати дар хат ифода карда тавонистани фикру мулоҳизаҳои фардӣ бо назардошти риояи услуби оммавӣ пешниҳод карда мешавад.

Ташаккули маҳорати эссенависӣ ба донишҷӯ имконият медиҳад, ки:

- минбаъд барои таҳияи шакли мураккаби корҳои хаттӣ: кори курсӣ ва рисолаи хатми тахассусӣ омода гарданд;
- аз ҷиҳати мантиқӣ дуруст ифода кардани фикр, матлабро доир ба мавзӯи мушаххас соҳиб шаванд;
- бо услуби илмӣ- оммавӣ таҳия намудани корҳои хаттиро ёд гиранд;
- ҷамъоварӣ коркард, тасниф ва таҳлили маводро аз бар намуда, гузошташударо дар асоси мутолиаи адабиёти зарурӣ пешниҳод намоянд.

## Муқаддима

Эссе – аз калимаи лотинии «exfgiym» ба маънои «санҷиш», аз вожаи франсавии essai ба маъноҳои «кӯшиш», «ҷустуҷӯ», «таҳлил» ва «санҷиш» буда, маънои истилоҳии илмии он «иншои хурд» мебошад.

Эссе аз фанҳое навишта мешавад, ки дар Силлабус ва Барномаи корӣ аз рӯи фанни таълимӣ барои он вақт, соат, мавзӯъ ҷудо гардидааст. Эссе аз фанҳои назариявӣ: фалсафа, таърих, сиёсатшиносӣ, назарияи иқтисод, муқаддимаи забоншиносӣ, муқаддимаи адабиётшиносӣ, забншиносии умумӣ, назарияи адабиёт, таърихи адабиёт, таърихи забони тоҷикӣ, назарияи таълим, таърихи педагогика ва амсоли инҳо навишта мешавад.

Эссе дар низоми кредитии таҳсилот шакли кори хаттии мустақилонае мебошад, ки вобаста ба мавзӯъ дорои ҷанбаи илмӣ, эҷодӣ (бадеӣ), методӣ, танқидӣ- адабӣ, таърихӣ, сиёсӣ иҷтимоӣ, эстетикӣ, фарҳангӣ фалсафӣ, публитсистию омавӣ буда, таҳияи он ба омӯзгор имкон медиҳад, ки дараҷаи азбарнамоии фанни таълимиро аз ҷониби донишҷӯ муайян намояд, саводи хаттии вайро дақиқ созад, муҳокимаронӣ ва мулоҳизаронии ӯро равшан намояд.

Эссенавис бояд дар атрофи мавзӯъ озодона изҳори ақида намояд, банду басти фикрронии худро тибқи талабот ба роҳ монад ва зимни таҳияи эссе аз адабиёти илмӣ, бадеӣ ва ё оммавии тавсияшуда истифода намояд.

## 1. Интихоби мавзӯи эссе

Пеш аз таҳияи эссе донишҷӯён аввал бо мавзӯъҳое, ки аз фанни таълимӣ бояд эссе нависанд, шинос мешаванд.

Мавзӯъҳоро омӯзгори фанни таълимӣ ҳангоми таҳияи Силлабус, Барномаи корӣ аз рӯи фанни таълимӣ муайян карда, дар кафедра муҳокима мекунад, баъди тасдиқ талаботи худро доир ба санҷиши эссе дар силлабус ҷой менамояд, сифати холгузроиро муқаррар намуда, онҳоро ба донишҷӯён шинос мекунад. Омӯзгор вазифадор аст, ки зимни пешниҳоди мавзӯъ манбаъ ва маъхазҳои таҳияи эссеро нишон диҳад.

Номгӯи эссеҳо, тарзи талабот ба таҳияи он дар мизи кории омӯзгор дар кафедра қарор мегирад ва ё дар тахтаи эълонҳои кафедра ҷой дода мешавад. Агар устод сайт дошта бошад, дар сайти худ ё сайти Донишгоҳ мавзӯъҳоро ҷой медиҳад ва агар чунин амал дар фаъолияти устод ё кафедра набошад, омӯзгор дар соати аввали дарси КМДРО ба донишҷӯён номгӯи мавзӯъҳо ва талаботи худро доир ба қабули эссе пешниҳод мекунад.

Эссе характери тасодуфӣ надошта, он раванди мақсаднок, муттасил ва идомаи мантиқии мавзӯи дарсҳои лексионӣ ва амалӣ ба шумор меравад.

Эссе ба ҳалли як мавзӯи Барномаи таълимӣ ва ё китоби дарсӣ ва ҳатто ягон паҳлуи мавзӯъ равона карда мешавад.

Ҳангоми таҳияи эссе аз доираи мавзӯъ берун баромадани донишҷӯ қатъиян манъ аст.

Матни эссе бо сабки хосаи донишҷӯ, ки фарогири фаҳмиш, донишу ҷаҳонбинии шахсии ӯст, навишта мешавад.

Ҳангоми эссенависӣ донишҷӯ адабиёти илмиро мутолиа менамояд ва ба мисли корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар эссе нишон додани манбаъ шарт мебошад.

Эссе баробари як шакли кори хаттии мустақилонаи донишҷӯ дар илми адабиётшиносӣ ба ҳайси як жанри мустақили адабӣ пазируфта шудааст. Ин гуна эссеҳо хусусияти публитсистӣ дошта, дар он муаллиф бо истифода аз далелу бурҳони мушаххас ва саҳеҳ тавассути тахайюли бадеии худ ба ҳалли масъала наздик мешавад. Дар чунин ҳолатҳо таҳлилу тадқиқ ва хулосабарориҳои дақиқи илмӣ мушоҳида намешаванд ва маҳсули эҷодии муаллиф чун асари хурдҳаҷми бадеӣ ва ё оммавӣ рӯи кор меояд.

### 2. Сохтор ва таркиби эссе

Эссе бо ду шакл таҳия мегардад: Шакли аввали эссе мисли иншо дар дарси КМДРО қабул карда мешавад. Омӯзгор номи мавзӯъро муайян менамояд. Донишҷӯ бо сохтани нақша ва ё бе нақша дар доираи мавзӯъ фикри худро баён месозад. Талаботи ин навъи эссе дар Силлабус, Барномаи корӣ аз рӯи фан муайян карда мешавад. Он

метавонад дар вақти санҷиши фосилавӣ ва ё гирифтани санҷиши тафриқавӣ ё имтиҳон ба омӯзгор хизмат намояд. Холҳо ва ё баҳое, ки ба ин навъи эссе мегузоранд, ҳангоми ҷамъбаст ба инобат гирифта мешавад. Дар қисмати талабот мақсади устод аз гирифтани эссе, вазифаҳо дар назди донишҷӯ, тарзи баҳогузорӣ (холгузорӣ) ба чунин эссе ва дигар талаботи устод муайян карда мешавад. Ин навъи эссе аз 4 то 5 вараќи дафтарӣ мактабӣ ва ё 3 то 4 саҳифаи варақи А-4 иборат мебошад.

Ҳадафи омӯзгор аз ин навъи эссе санҷиши мулоҳизаронӣ ва сатҳи саводи хаттии донишҷӯ аз фанни мазкур мебошад.

Бе навиштани талабот ё тавзеҳот, таҳияи сиёсати холгузорӣ ва нишон додани соати таълимӣ дар Силлабус ва ё Барномаи корӣ аз фанни таълимӣ устод ҳуқуқи гирифтани чунин эссеро надорад.

**Таъкид:** Ҳатман устод бояд микдори соатҳои эссеро аз ҳисоби дарсҳои КМДРО бояд дақиқ кунад ва дар Силлабус ва Барномаи корӣ аз фанни таълимӣ нишон диҳад.

Чунин навъи эссе ба омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, забон ва адабиёти рус, забонҳои хориҷӣ (англисӣ, арабӣ, франсавӣ, олмонӣ), таърих, педагогика, иқтисодиёт, география кафедраҳои умимидонишгоҳӣ ва ҷамъиятӣ (фалсафа, сиёсатшиносӣ, педагогикаи умумӣ, психологияи умумӣ) тавсия мешавад.

**Шакли дуюми эссе**, ки аз талаботи низоми кредитии таҳсилот бар меояд, эссее мебошад, ки онро донишҷӯ ҳамчун кори мустақилона берун аз аудитория иҷро мекунад.

Донишҷӯ метавонад дар накшаи инфиродии худ аз вақте ки барои КМД ҷудо шудааст, ҷиҳати таҳияи эссе истифода намояд ва ё баъди дарс аз маъхазҳои интернетӣ, китобхонаҳои электронӣ ва дигар навъи китобхонаҳо истифода барад.

Эссеи мазкур аз омӯзгор тавзеҳотро талабот мекунад. Ин талаботро омӯзгор таҳия карда, дар кафедра муҳокима ва тасдиқ менамояд, баъд дар Силлабус ва Барномаи корӣ аз рӯи фан ҷой мекунад ва дар асоси ҳамаи талабот аз донишҷӯ сифати эссеро пурсон мешавад. Дар он сиёсати холгузории худро низ муайян мекунад.

Ин навъи эссе мавзӯъҳоеро дар бар мегирад, ки дар Барномаи таълимии фан вуҷуд доранд ва ё ба он наздик мебошанд. Омӯзгор ҳуқуқи аз доираи Барномаи таълим баромаданро надорад. Мавзӯъҳо бояд мушаххас, дақиқ бошанд ва барои то 10 саҳифаи дастнавис ва 7-8 саҳифаи чопӣ мавод пешниҳод намоянд. Хуб мешавад, агар эссеҳо бо ҳусни хати донишҷӯ пешниҳод шавад ва бо ин роҳ ҳусни хати донишҷӯ низ беҳтар мегардад.

Дар вақти шинос намудан бо мавзӯъҳо омӯзгор ҳамчунин талаботи худро нисбат ба натиҷагирӣ кардан аз таълифи эссе муаррифӣ менамояд. Дар талабот ҳаҷми саҳифаи эссе, тарзи таҳияи эссе, баҳогузорӣ ба эссе ва дигар талаботи заруриеро, ки дар

Силлабус ва Барномаи корӣ аз рӯи фан муайян кардааст, шарҳ медиҳад.

Миқдори соатҳое, ки барои санҷиши эссе зарур аст, аз ҳисоби соатҳое, ки берун аз фан ҷудо шудааст, гирифта мешавад. Он дар Силабус, Барномаи корӣ аз рӯи таълими фан нишон дода мешавад. Агар эссе 1- то бошад барои то 30 нафар донишҷӯ 5 соат, 2- то бошад, 10 соат ва 3- то бошад, 15 соат барои санҷиши он ҷудо карда мешавад. Ин навъи эссеҳо барои равияи гуманитариву ҷамъиятӣ тавсия мешавад. Мудири кафедра ва омӯзгоре, ки эссе талаб мекунанд, масъулияти сифати онро бар дӯши худ гирифта, муқаррароти эссеро аз рӯи тавсияномаи мазкур татбиқ месозад.

Барои он ки фикри муаллиф ба мавзӯи эссе пай дар ҳам ва бо низом баён гардад, ба ӯ имконият дода мешавад, ки аввал нақшаи мавзӯъро матраҳ созад.

Сохтори эссе аз ҷузъҳои таркибии зерин иборат мебошад:

**Муқаддима**
**Боб ё бобҳои асосӣ**
**Хулоса**
**Рӯйхати адабиёт**

## а) Талабот доир ба таҳияи муқаддима

Дар муқаддима муаллиф моҳияти мавзӯъро кушода, сабабҳои интихоб намудани онро бо далелҳо асоснок мекунад. Ба бахши муқаддимаи эссе бештар гузориши масъала, нишон додани аҳамияти амалии мавзӯъ, шарҳи мафҳумҳои зарурӣ, ки дар кор истифода мешаванд, муҳим мебошад.

Омӯзгор аз рӯи мазмуни муқаддима андозаи ба умқи масъала дарк намудани донишҷӯро муайян мекунад ва баҳо мегузорад.

## б) Талабот ба боб ва ё бобҳои эссе

Доир ба ҳар як боб омӯзгор талаботи худро дар Барномаи корӣ аз рӯи таълими фан муайян мекунад ва онро аз донишҷӯ талаб менамояд ва инчунин донишҷӯро ба роҳнамои мазкур шинос менамояд.

Мазмуни матни эссе дар қисмати асосии он, ки метавонад аз як боб ё якчанд боб иборат бошад, дарҷ гардида, дар ин бахш мубрамияти масъала ва паҳлуҳои умдатарини он: таҳлилу тафсир, муқоиса ва шарҳу тавзеҳ ҷой дода мешавад. Дар ин қисмат муаллиф нисбат ба объекти омӯзиш ва таҳқиқ мавқеи илмӣ ё фардии худро муайян менамояд, гузоришоти худро бо далелу бурҳон асоснок намуда, ҷиҳати тақвияи фикри худ беҳтарин ғояҳои муҳаққиқони соҳаро иқтибос меоварад ва агар зимни таҳлил зарур шуда монад, аз зарбулмасалу мақолоти халқӣ ва ҳикматҳои бузургон, ки ба моҳияти масъала мутобиқат доранд, истифода мебарад.

Агар мавзӯи гузошташуда бо вуҷуди сода будан серпаҳлӯ ва гуногунҷанба бошад, онро ба фаслу зерфаслҳои хурд- хурд ҷудо карда таҳлил кардан осонтар аст. Барои таҳияи бобҳо чор унсур: таҳлил, тадқиқ, таҳқиқ ва хулосабарорӣ муҳим ҳисобида мешавад:

**а) Унсури таҳлил.** Таҳлил дар асоси маводи ҷамъовардашуда сурат мегирад. Масалан, эссе агар моҳияти илмӣ дошта бошад ва дар мавзӯи «Мавқеи рӯбоӣ дар эҷодиёти Бозор Собир» пешниҳод гардад, муаллифро зарур аст, ки моҳияти рубоиро ҳамчун жанри ғиноӣ (лирикӣ) кушода диҳад. Дар такя бо мулоҳизаҳои муҳаққиқон оид ба мушкилоти вазну қофиябандии рубоӣ мулоҳизаронӣ карда, мавқеи рӯбоиро дар эҷодиёти Бозор Собир баррасӣ намояд.

**б) Унсури тадқиқ**. Дар ин самт эссенавис теъдоди рубоиҳои Бозор Собирро вобаста ба мавзӯъҳои зикргардида баён месозад ва баънамунаҳоро дарҷ менамояд.

**в) Унсури таҳқиқ.** Дар ин бахш эссенавис ба кушодани моҳияти рубоиҳо, мавзӯи онҳо ва сабаби рӯи коғаз омадани онҳо муваффақ мешавад. Аз нигоҳи шоир ва аз мавқеи муҳаққиқ (андешаҳои субъективӣ, яъне назари худи муаллиф) ба рубоиёти ӯ баҳои воқеӣ медиҳад.

**г) Хулосабарорӣ.** Дар ин бахш муаллиф ҳамчун мунақид ва мухлиси шеъри Бозор Собир баромад карда, истеъдод, маҳорати суханварии шоир ва ҳусну қубҳи ашъори ӯро аз диди худ баҳодиҳӣ мекунад.

### в) Талабот ба хулосаи эссе

Ҳаҷми хулоса бояд аз 0,5 то 1 саҳифаро ташкил диҳад. Муаллиф дар он ҷамъбасти андешаву мулоҳизот ва натиҷаи масъалаҳои ҳалшударо ба таври фишурда баён намуда, мақоми жанри рубоиро дар эҷодиёти Бозор Собир, мавқеи ӯро ҳамчун шоири рубоисаро дар адабиёти муосир муайян менамояд.

Таҳияи эссе озодона сурат гирифта, муаллиф ҳуқуқ дорад, ки ба нуқтаи назари дигарон нисбат ба объекти тадқиқи ӯ розӣ ва ё норозӣ будани худро баён намояд.

## 3. Талабот доир ба таҳияи «Рӯйхати адабиёт»

Дар саҳифаи алоҳида бо навиштани «Рӯйхати адабиёт» номгӯи асару мақолаҳое, ки дар таҳия ва омода кардани эссе истифода шудаанд, қайд мегарданд.

Рӯйхати адабиёт бо рақамгузорӣ аз рӯи алифбо таълиф шуда, дар он хронология риоя карда мешавад.

Ба ин қисмати кори донишҷӯ низ устод холгузорӣ ва ё баҳодиҳӣ менамояд.

Рӯйхати адабиёт мутобиқи тартиби алифбои тоҷикӣ таҳия карда мешавад. Дар феҳрист маълумотҳои зарурӣ оид ба адабиёти истифодашуда ба тариқи зайл ҷой мегиранд:

- насаби муаллифи асар пурра оварда мешавад, вале ҳарфи аввали номи ӯ дарҷ гардида, пас аз он нуқта гузошта мешавад;
- номи асар пурра нишон дода мешавад ва баъд аз он нуқта мегузоранд;
- пеш аз унвони ҷои нашр тире ва баъд аз он аломати : (баён, дунуқта) гузошта, сипас номи нашриётро бо ҳарфи калон дарҷ месозанд;
- пас аз нишон додани унвони нашриёт аломати( , ) вергул гузошта, соли нашр ва дар охир (.) нуқта гузошта миқдори саҳифаи китобро нишон медиҳанд.

Тартиби таҳияи «Рӯйхати адабиёт» дар замимаи №3 нишон дода шудааст.

## 4. Усулҳои истифода аз манбаъ ва адабиёти илмӣ

Иқтибосгирӣ ва иқтибосоварӣ дар эссе мақоми махсусро доро мебошад. Тибқи қоидаи нутқи айнаннақлшуда фикр ва ё ғояи олимон ё мутафакироне, ки оид ба мавзӯи мавриди таҳқиқ назари худро дар мақола ё рисолае гуфта бошанд, дар даруни нохунак бо рақам ишора карда мешавад. Рақами ишорашуда дар поварақи саҳифа бо овардани насаби муаллиф, унвони асар, ҷои нашр ва номи нашриёт, соли ба табъ расидани рисола ва саҳифаи он дарҷ карда мешавад. Ин усули анъанавиро дар шакли зерин нишон додан мумкин аст:

**Суханони муаллифи эссе пеш аз иқтибос овардан. Чунончи:**

Муҳаққиқи осори Гулрухсор Матлубаи Мирзоюнус мураккабии симои занро дар ашъори шоира таъкид карда чунин навиштааст: (Иқтибос) «Зан дар тасвирҳои Гулрухсор содалавҳу зудбовар, орзупарвару фасонапараст, дилнавозу меҳрташна аст, ки гоҳе ситоишаш мекунаду гоҳе маломат.»[1]

____________________

Дар ҳошияи вараќи мазкур аз қисми поён манбаи иқтибос чунин нишон дода мешавад.

1.Матлубаи Мирзоюнус. Ҳамзоди тӯфон //Нигоҳе ба рӯзгор ва осори Гулрухсор.- Душанбе: Адиб, 2007, саҳ. 132.

Ҳамин амалро бо усули дигар пас аз анҷом ёфтани иқтибос дар қавсайн нишон додани манбаъ анҷом додан мумкин аст:

**Суханони муаллиф. Чунончи:**

Ҷаҳони пурасрори занро дар тасвири Гулрухсор ба мушоҳида гирифта, муҳаққиқи осори ӯ Матлубаи Мирзоюнус чунин нигоштааст: «Аммо ҷаҳони номакшуфи зан омезаи пурасрорест аз ҳиссиёти мухталиф: рашку ҳасад, ҳавасу ҳарос, сабру таҳаммул, ношикебоиву исён, ҳирсу тамаъ, беқарориву бурдборӣ, инсофу мурувват, саодату вафо» (Матлубаи Мирзоюнус. Ҳамзоди тӯфон.- Душанбе: Адиб, 2007, саҳ. 132). Ё ин ки бо роҳи боз ҳам қулайтар: (22,132), иҷро кардан мумкин аст, чунки дар охири эссе феҳристи адабиёти истифодашуда дода шудааст ва дарҷ намудани

рақами манбаи мазкур ва саҳифаи иқтибос кофист.

Ҳатто эссенавис фикр ё ғояи каси дигарро агар айнан истифода накарда, онро мазмунан дар кори худ қайд намояд ҳам, ӯро зарур аст, ки манбаи онро тавассути усулҳои дар боло қайдшуда нишон диҳад. (Масалан:14, 132)

Дар рафти таҳияи эссе муаллиф ҳуқуқ надорад, ки андешаҳои муҳаққиқони барҷаста ва варзидаи соҳаро, ки худаш бевосита нахондааст, ба сифати иқтибос истифода намояд. Овардани теъдоди зиёди андешаҳои иқтибосӣ боиси коста шудани ҳусни эссе мегардад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки ҳамеша матни эссеро аввал дар шакли сиёҳнавис таҳия намудан лозим аст. Пас аз гузаштани фурсати як-ду рӯз матни онро дубора хонда, таҳрир намуда, сипас тозанавис кардан зарур мебошад.

## 5. Талаботҳои техникӣ ва усули нигориш

Муаллифро зарур аст, ки дар таҳияи он як қатор меъёру талабот ва усулҳои нигоришро ба инобат гирад:

- эссе агар дастнавис бошад ё дар вараќи сафед ва ё дафтари барои фанни забони тоҷикӣ чопшаванда таълиф шавад, ва агар чопӣ бошад, дар варақҳои сафеди шакли стандартии **А- 4 (210х 297мм)** бояд иҷро карда шавад;
- матни эссе тариқи саҳифабандии китобӣ дар шакли амудии (вертикали)-и варақҳо бояд навишта шавад;
- матн танҳо дар як тарафи варақ чоп карда мешавад ва шакли дутарафи чопи матн дар таҳияи эссе мумкин нест;
- дар ҳар як варақ аз чор самти он дар шакли зерин ҳошия гузошта мешавад: аз тарафи чап- 30 мм, аз тарафи рост- 15 мм ва аз тарафҳои болову поён 25мм гузоштани ҳошия шарт мебошад;
- аз чор тарафи матни эссе кашидани хат иҷозат дода намешавад;
- таҳияи матни эссе бештар ба воситаи муҳаррири матнии барномаи компютерии **Microsoft Word** бо шрифти 14 ва фосилаи байни сатрҳо на камтар аз 16 бо ранги муқаррарии сиёҳи хира навишта шавад;
- варақҳои эссе бояд саҳифабандӣ карда шаванд;
- саҳифабандӣ аз варақаи унвон оғоз меёбад, вале он рақамгузорӣ карда намешавад. Дар саҳифаи дуюм «Нақша»-и эссе ҷой дода мешавад. Саҳифаҳоеро, ки дар онҳо матни эссе дарҷ гардидааст, амсоли муқаддима, мазмуни асосии матни мавзӯъ, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда, замимаҳо, ки дар кори хаттӣ паи ҳам ҷойгир шудаанд, рақамгузорӣ карда мешаванд;
- пеш аз «Муқаддима», «Хулоса», «Рӯйхати адабиёт», «Замимаҳо», ки дар эссе бо ранги нимсиёҳ ва шрифти 16 навишта мешаванд, рақам гузошта намешавад;
- пеш аз унвони фаслҳо ва зерфаслҳои қисмати асосии эссе рақам гузоштан мумкин аст;
- намунаи таҳияи вараќи унвон дар замимаи 1 нишон дода шудааст;

- оид ба қисми дохилии вараќи унвон дар замимаи 2 маълумотҳои зарурӣ дода шудааст;
- агар дар кор ҷадвалу схемаҳо, диаграммаҳо, расмҳо ба сифати замима истифода шаванд, онҳоро низ дар шакли «Ҷадвали1», «Ҷадвали 2» ё «Расми 1», «Расми 2» бояд рақамгузорӣ кард;
- дар таҳияи эссе риояи меъёрҳои забони адабӣ ва Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ шарт мебошад;
- теъдоди адабиёти истифодашуда барои навиштани эссе бояд аз 10 адад кам набошад;
- донишҷӯ вазифадор аст, ки бо анҷом ёфтани фикри нав, мутобиқи қоидаҳои сархатгузорӣ фикри навро аз сархат оғоз мекунад;
- манбаъ ва маъхазоти дар кор истифода шуда бо тартиби зерин дар бахши «Рӯйхати адабиёт» нишон дода мешаванд:
1. Асноди меъёрӣ- ҳуқуқӣ
а) Қонунҳо;
б) ФармонҳоПрезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
в) Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
г) Қарорҳои мушовара ва фармонҳои Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
ғ) Мактубҳо, дастурҳо ва дигар сманадҳои мақомоти дахлдори давлатӣ;
2. Монографияҳо ва маҷмӯаҳои илмӣ;
3. Матбуоти даврӣ;
4. Маълумотҳо ва маълумотномаҳои оморӣ;
5. Маводҳои ба забонҳои хориҷӣ нашршуда;
6. Манбаъҳои интернетӣ

Агар эссе дар шакли бемуқова ва ё дар папкафайлҳои муқаррарӣ пешниҳод шавад, омӯзгор ҳуқуқ дорад, ки онро қабул накунад ва барои муқовабандӣ баргардонад.Хуб мешуд, ки дар папкаҳои картонӣ эссе манзур гардад.

## 6. Баҳогузорӣ ба эссе

Омӯзгор ба эссеи донишҷӯ дар доираи то 10 хол баҳогузорӣ менамояд, ки он асосан барои корҳои зерини иҷрошуда (ё иҷронашуда) гузошта мешавад:
- мувофиқати мазмуни эссе бо мавзӯъ;
- мутобиқати таҳлилу тадқиқ ва муҳокимаву хулосабарориҳо бо мавзӯъ ва маводи он;
- истифодаи далелҳои таърихӣ, адабӣ, фарҳангӣ, маводҳои асноди меъёрӣ- ҳуқуқӣ, иқтибос аз асарҳои илмӣ, адабӣ, бадеӣ, таърихӣ;
- риояи тартиби фикр ва мантиқи баён;
- ҷамъбаст ва хулосабарориҳои фардӣ;
- риояи талабот ба ҳаҷми эссе;
- риояи меъёрҳои техникӣ ва рӯйхати адабиёт

Талабот ба холгузориро дар ҷадвали зерин бо нишон додани ҳадди холҳои имкони назар ба таври умумӣ чунин ҷойгир кардан мумкин аст:

| Меъёр | Талабот аз донишҷӯ | Миқдори холҳо |
|---|---|---|
| **Дониши назариявӣ ва мувофиқати он ба маводи мавриди таҳлил** | - мафҳум ва масъалаҳоро ба таври мушаххас дарк карда, мисолҳои оварда ба мавзӯъ мувофиқанд;<br>- мустақилияти иҷрои кор ба назар мерасад. | 2 хол |
| **Таҳлил ва муҳокимаронӣ** | - таҳлилҳо босаводона сурат гирифтаанд;<br>- аз усули муқоиса хуб истифода менамояд;<br>- қобилияти фаҳмондадиҳии мулоҳизаҳои мухталифро сари масъалаи таҳлил дорад ва хулосаҳояш аз рӯи мантиқ сурат гирифтаанд;<br>- миқдори сарчашмаҳои истифодашуда ба талабот ҷавобгӯянд;<br>- маълумоти додашуда бо графикаву диаграммаҳо тақвият дода шудаанд;<br>- ба масъала баҳои шахсии худро медиҳад. | 4 хол |
| **Сифатҳои илмии баён** | - равшанӣ ва барҷастагии баён;<br>- мантиқ ва исботи фикр;<br>- тезисҳои пешниҳодшуда ва дақиқияти далелҳо;<br>- иқтибос ва назарҳои гуногун оварда мешавад ва хулосаи шахсии муаллиф ҷой дорад;<br>- тарзи умумии баён ва таносуби жанр бо мавзӯи интихобшуда. | 3 хол |
| **Ороиши техникии кор** | - кор аз рӯи ороиш ба талабот ҷавобгӯ мебошад;<br>- меъёрҳои имлоӣ, лексикӣ, грамматикӣ ва услубии забони тоҷикӣ риоя шудаанд;<br>- меъёрҳои техникӣ асосан тибқи муқаррарот сурат гирифтааст. | 1 хол |
| **Баҳои ниҳоие, ки донишҷӯ аз навиштани эссе мегирад, то 10 хол аст.** | | |

**Диққат:** Ҳар як омӯзгор дар доираи талаботи фан мисли ҳамин намуна бояд меъёрҳои худро муайян ва дар кафедра тасдиқ карда, дар Силлабус ва ё Барномаи корӣ аз рӯи фанни таълимӣ ҷой диҳад.

**Замимаи №1**
**Намунаи вараќи унвон**

**Вазорати маориф ва илми Љумњурии Тољикистон**
**Донишгоњи давлатии омўзгории Тољикистон**
**ба номи Садриддин Айнї**

Кафедраи «Адабиёти тољик»

# Э с с е

аз фанни **«Таърихи адабиёти муосир»**

**Мавзўъ: Инъикоси симои зани муосир дар ашъори Гулрухсор**

**Иљро кард:** донишљўи курси 4-уми факултети филологияи тољик Саидова Муқаддас
**Омўзгор,** дотсент - Қурбонов М.

**Дӯушанбе - 2014**

**Замимаи №2**

**Намунаи шакли дохилии варақаи унвон чунин мебошад:**

---

**Донишҷӯ**:______________________________________________

дар мавзӯи _______________________________________________

дар ҳаҷми______________________________эссе пешниҳод намуд.

«_____»______ соли 2014-01-06

**Имзо:** ____________________

**Омӯзгор:** ______________________________________________

эссеи мазкурро рӯзи «____»__________ соли 2014

қабул карда, рӯзи «____» ______соли 2014

санҷида, онро чунин натиҷагирӣ намуд:

Ба мазмун ва мундариҷа ____________ хол

Ба сатҳи саводнокӣ _________________ хол

Барои риояи меъёрҳои техникӣ ва ороишӣ _________ хол

Баҳои ҷамъбастӣ ______________ хол

Имзо __________________

---

**Замимаи №3**

**Рӯйхати адабиёт:**

1.Глушакова В.Г. Методические указания по написанию эссе по дисциплине «Региональная экономика.»- Москва: Издательство Финансовый университет при Правительстве Российской Федерации, 2011.-24с.

2. Методические рекамендации по написанию эссе. Санкт-Петербургский филиал Государственного Университета Высшей школы экономики. - СПб: Издательство Филиала Санкт-Петербургского Университета Высшей школы Экономики, 2005.- 18 с.

3.Шодиев М., Азимов Ҷ. Эссе ҳам иншо аст. //Маърифати омӯзгор, №9-10, 2013, саҳ47-50.